ТДУ: 338.2

# ҶАНБАЪҲОИ НАЗАРИЯВИИ МЕҲНАТ ВА РОҲҲОИ ҲАВАСМАНДКУНИИ ОН

**Сафаров Б.Г.** – н.и.и., дотсент, **Табаров А.Д.** – докторанти PhD, ДДМИТ

***Калимаҳои калидӣ:*** меҳнат, ҳосинокии меҳнат, ҳавасмандкунӣ, мукофотпулӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, пардохтҳои иловагӣ, арзиши изофа, шуғли пурмаҳсул, меҳнати изофа, тақсимоти меҳнат.

Вобаста ба ташаккул ёфтани характери ташкилию иқтисодии истеҳсолоти муосир, ки ба инкишофи васеи истифодаи инноватсия такя мекунад, муносибатҳои меҳнатӣ низ тағйир ёфта истодаанд. Махсусан, истифодаи меҳнате, ки аз илм ва навовариҳо сарчашма мегиранд, куллан аз меҳнати физикии кормандон фарқ дорад. Яъне дар шароити рушди инноватсионии иқтисодӣ муносибати корфармо ва корманди кироя танҳо ба музди меҳнат маҳдуд нагашта, дар он дигар шаклҳои ҳавасмандкунии иҷтимоӣ ва моддӣ низ нақши муҳим мебозанд. Чунин усули таҳлил водор месозад, ки назарияи меҳнат ва шаклҳои ҳавасмандкунии он дар диди нав таҳқиқ ва омӯхта шавад.

Ба фаъолияти меҳнатӣ «ҳама гуна фаъолиятҳое, ки аз ҷониби шахсони алоҳида новобаста аз ҷинс ва синну сол барои истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ барои истифодабарии дигар шахсон ва ё истифодаи шахсӣ анҷом дода мешаванд, дохил мешавад» [3, С.109].

Меҳнат арзиши истеъмолӣ, шакли ашёвии сарвати миллиро ба вуҷуд оварда, асоси моддии ҳаётгузаронии одамонро таъмин мекунад. Агар меҳнат фаъолияти инсон бошад, пас қувваи коргарӣ қобилиятҳои ҷисмонӣ ва фикрронии меҳнат доштани инсон аст.

Намояндагони мактаби Физиократҳо меҳнати маҳсулнок ва ғайри маҳсулнокро аз ҳам фарқ карданд. Меҳнати маҳсулнок меҳнате мебошад, ки маҳсулоти соф ба вуҷуд меорад. Ба андешаи Ф. Кенэ “Меҳнат дар риштаи кишоварзӣ меҳнати маҳсулнок буда, дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ меҳнати ғайримаҳсулнок мебошанд [4, С.122]”. Яъне ба ақидаи Ф.Кенэ танҳо меҳнати кишоварзон маҳсулнок буда, меҳнати дигар соҳаҳо барои ҷомеа фоидаовар нест. Аз ин бармеояд, ки Ф. Кэне танҳо тарафдори меҳнати ҷисмонӣ буда, меҳнати ақлониро, ки имрӯзҳо асоси рушди иқтисоди миллии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад, бесамар арзёби намудааст.

Мувофиқи ақидаи У. Петти созандаи сарват меҳнат буда, дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот асосӣ мебошад. Дар таълимоти безаволи ӯ ин гуфтаҳо тасвир карда шудааст: “меҳнат падар ва принсипи фаъоли сарват аст, замин бошад модари вай” [5, С. 54].

Ба таълимоти меҳнатиии арзиш такякунии У. Петти назарияи арзиши изофаро ба вуҷуд овардан аст. Дар асри XVII, ки замин объекти асосии истифодаи меҳнат буд, барои ҳамин ӯ арзиши изофаро мутлақо дар шакли рентаи замин медид. Тибқи ақидаи ӯ агар манбаъи сарвати миллӣ меҳнат бошад, афзоиши он аз ҳисоби меҳнати изофа, ки дар маҳсулоти изофа таҷассум меёбад, ба вуҷуд меояд.

Назарияи арзишии меҳнати У. Петти, ки баъдан аз тарафи дигар олимон таҳқиқ ва васеъ карда шуд, дар таҳқиқоти назарияи меҳнат нақши калидиро бозидааст. Бояд қайд намуд, ки У Петти низ ба меҳнати ақлонӣ кам таваҷҷуҳ намуда, бештар ба меҳнати ҷисмонӣ такя кардааст.

Дар китоби якуми А. Смит “Таҳқиқот дар бораи табиат ва сабаби боигарии халқҳо” таълимот дар бораи меҳнат чун манбаи бойгарӣ, оид ба тақсимоти меҳнат, дар бораи фоида, арзиш, пул, нархгузорӣ, шаклҳои гуногуни даромад, ҷой гирифтааст. Ӯ аввалин олиме буд, ки ба доираи мавзӯи омӯзиши иқтисоди сиёсӣ масоили молиявиро низ дохил намудааст.

А. Смит омили муҳимтарини рушди иқтисодиро дар тақсимоти ҷамъятии меҳнат ҳисоб мекард, ки асоси методологии таълимоти ӯро назарияи арзишии меҳнат ташкил медод. Олами иқтисодиро А. Смит чун устохонае медонист, ки ба тақсимоти меҳнат бунёд шудааст. Танҳо тақсимоти меҳнат сабаби асосии афзоиши ҳосилнокии он шуда метавонад.

А. Смит иртиботи тақсимоти меҳнатро аз миқёси бозор дуруст дарк карда тавонист. Исбот намуд, ки бозори васеъ заминаи хуберо барои тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии истеҳсолот муҳайё месозад ва дар ин асос ҳосилнокии баланди меҳнат ба даст медарорад, инчунин ҳангоми танг будани бозор имкониятҳои тақсимоти меҳнат маҳдуданд ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат мушкил аст. Ӯ боэътимодона

нишон дод, ки меҳнат манбаи сарвати ҷамъиятӣ, тақсимоти меҳнат бошад омили муҳимтарини баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва афзун гаштани сарвати ҷамъиятист. А. Смит ба вуҷуд омадани тақсимоти меҳнатро бо роҳи ба муомилот рағбат доштани одамон, ки хусусияти табии онҳост, маънидод кардааст.

Дар асоси ақидаҳои иқтисодии худ А. Смит назарияи меҳнатии арзишро ташаккул дода, муайян кардааст, ки арзиши молро меҳнати ба он сарфшуда ташкил медиҳад ва таъкид менамояд, ки "меҳнат ифодакунандаи меъёри воқеии арзиши мубодилавии ҳамаи молҳо мебошад" [6, С.104].

Танҳо меҳнат нархи ҳақиқии арзиши молро ташкил медиҳанд. "Бешубҳа меҳнат меъёри ягонаи умумӣ ва меъёри аниқи арзиш мебошад, ё меъёри ягонае мебошад, ки тавассути он мо метавонем арзиши молҳои гуногунро дар ҳама давраҳо ва дар ҳама маконҳо байни ҳамдигар муқоиса намоем" [6, С.109].

А. Смит қайд намудааст, ки арзиши мол бо меҳнати дар истеҳсоли он сарфшуда, муомилоти мол бошад мутаносибан бо миқдори меҳнати дар он таҷассумёфта муайян мегардад. Ӯ аҳамияти баробар доштани ҳамаи намудҳои меҳнати маҳсулнокро чун офарандаи арзиш эътироф намудааст.

Ақидаҳои А. Смит дар муқоиса бо олимони пешини худ аз он фарқ мекард, ки вай асоси арзиши молҳоро танҳо дар меҳнати дар он сарфшуда медид. Инчунин ҳамгироии меҳнати ҷисмониро бо технологияи истеҳсолӣ таҳқиқ намуда, истифодаи технологияро ба ҳосилнокии меҳнат таъсири мусбӣ расонанда арзёбӣ менамояд. Яъне то андозае ба меҳнати ақлонӣ, ки натиҷаи он дар истеҳсоли воситаи истеҳсолот (технология) зоҳир мегардад, таваҷҷуҳ менамояд.

Ин ақиадро Д. Рикардо васеъ намуда, қайд менамояд, ки "ба арзиши мол на фақат меҳнати бевосита ба он сарф шуда, балки боз меҳнати ба истеҳсолоти олот, асбоб ва бино сарф шуда, ки ба меҳнати ҷорӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад" [6, С. 436].

Музди меҳнат даромадест, ки коргарон мегиранд. Меҳнат мол аст ва он хариду фурӯш мешавад. Коргарон фурӯшанда ва сармоядорон харидори ин моли махсус аст. Музди меҳнат бошад нархи ҳамин мол, нархи меҳнат аст. Ба ақидаи Д. Рикардо "Нархи табии меҳнат ҳамонест, ки коргарон имконияти рӯзгузаронӣ дошта бошад ва насли худро бидуни каму зиёд кардани миқдори он идома дода тавонанд" [6, С. 449].

В.И. Ленин хотирнишон намудааст, ки "иқтисоди сиёсии классикӣ то К. Маркс дар Инглистон тараққитарин мамлакати капиталистӣ ташаккул ёфтааст. А. Смит ва Д. Рикардо сохти иқтисодиро тадқиқ намуда, ба таълимоти меҳнатии арзиш асос гузоштааст. К. Маркс кори онҳоро давом дод" [7, С. 45].

Дар ин хусус олими амрикоӣ Ф. Тейлор ба чунин хулосаи муҳим омад, ки сабаби асосии ҳосилнокии нисбатан паст ин низоми номукаммали ҳавасмандкунии меҳнати коргарон мебошад. Аз ин рӯ, вай як низоми махсуси ҳавасмандкунии моддиро тарҳрезӣ намуд, ки тибқи он андозаи маоши корманд аз сатҳи ҳосилнокии меҳнати корманд вобаста аст.

Бинобар ақидаи олими амрикоӣ Г. Эмерсон ҳавасмандкунии кормандон фақат мукофоти пулиро дар назар надорад. Мукофоти пулӣ фақат яке аз шаклҳои ҳавасмандкунии меҳнат ба ҳисоб меравад.

Ҳавасмандкунии кормандон танҳо дар ҳолате самара мебахшад, ки агар роҳбарияти корхона меҳнати пурмаҳсули кормандони алоҳидаро дар асоси механизми асоснокгардида қадрдонӣ намояд. Яке аз шартҳои амалӣ шудани ҳавасмандкунии иқтисодӣ дар корхона пардохти саривақтии музди меҳнат мебошад.

Истифодаи усулҳои иҷтимоии идоракунӣ имконият медиҳанд, ки мавқеи корманд дар коллектив муайян гардад ва ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии ӯ дуруст ба роҳ монда шавад.

Заминаҳои институтсионалии ташаккули меҳнат ва ҳавасмандкунии он дар кишвар ин Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии одамон равона гардидааст.

Тибқи моддаи 61 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон "корфармо ҳуқуқ дорад намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониро барои дастовардҳои меҳнатӣ татбиқ намояд

ва намудҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва тартиби татбиқи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои корфармо, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ муайян менамоянд” [1, С. 47].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити кунунии рушди иқтисодиёти кишвар музди меҳнат ҳамчун воситаи асосии таъмини неукуаҳволии ҳаёти корманд шуморида шуда, дар такрористеҳсоли қувваи кории зарурӣ дар истеҳсолот ва ҳосилнокии он аҳамияти басо зарур дорад.

Ҳавасмандии моддии ҳар коргар ба натиҷаҳои меҳнаташ, дар асоси риоя кардани қонуни иқтисодии тақсимот аз рӯи меҳнат, ки зарурати музди меҳнатро мувофиқи миқдору сифати он пешбини мекунад, ташкил карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон- ш. Душанбе, 23 июли соли 2016. -132 с.
2. Международная организация труда. Резолюция I о статистике трудовой деятельности, занятости и недоиспользования рабочей силы. 19-я МКСТ. Доклад III: Доклад конференции-Женева ,2014.
3. Избранные экономические произведения. М., 1960. - 122 с.
4. Анталогия экономической классики- МП ЭКОНОВ, 1993. - 33.-54 с.
5. Анталогия экономической классики.Т.1. М.: ЭКОНОВ, 1993.- 86.104.109.134.436.449 с.
6. В.И. Ленин. Полн.собр. соч., Т.23. - С. - 45.
7. Генкин Б.М. Экономика и социология труда- М: Издательство НОРМА. С 20 – 416.


## АННОТАЦИЯ

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА ТРУДА И СПОСОБЫ СТИМУЛИРОВАНИЯ ТРУДА


В настоящей статье рассмотрены теоретические свойства и методология труда, а также способы стимулирования труда. Авторы на основе изучения научной литературы, отмечают, что современные условия, связанны с изменением смысла и содержания труда, трудовые отношения и правильный расчет заработной платы, оплата материального поощрения труда требуют научного анализа. В особенности, в организации механизмов стимулирования должны учитываться материальные и моральные, а также нравственные стороны работника. Работодатель для организации научно - инновационного развития производства должен уделить особое внимание организации научно - инновационной среды предприятия посредством стимулирования работника.



***Ключевые слова:*** *труд, производительность труда, стимулирование, вознаграждение, трудовые отношения, дополнительны выплаты, прибавочная стоимость, плодотворное занятие, дополнительный труды, разделение труда.*


## ANNOTATION

## THEORETICAL PROPERTIES OF LABOR AND METHODS OF STIMULATING LABOR


In this article will discuss the theoretical properties and methodology of labor, as well as ways to stimulate labor. The authors, based on the study of scientific literature, point out that modern conditions associated with changes in the meaning and content of labor, labor relations and the correct calculation of wages, and the payment of material incentives for labor require scientific analysis. In particular, the organization of incentive mechanisms must take into account the material, moral and ethical side of the employee. The employer for the organization of scientific - innovative development of production should pay special attention to the organization of the scientific - innovative environment of the enterprise by stimulating the employee.



***Key words:*** *labor, labor productivity, incentives, remuneration, labor relations, additional payments, surplus value, fruitful occupation, additional works, division of labor*